**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 28 саҳ.)**

Тадқиқоти диссертатсионии Исозода П.А яке аз мавзуъҳои муҳими ва мубрами рӯзмара маҳсуб ёфта, ҷанбаъҳои назариявӣ ва ҳуқуқи конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро фаро мегирад. Мубрамияти мавзӯи тадқиқотӣ дар он зоҳир меёбад ки касби Истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсияи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 ҳуқуқ озодиҳои инсонро арзиши олӣ ва дахлнопазир эълон намуд, ки чунин шакл гирифтани вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд зинаи муайянкунандаи рушди давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ҳамин, мушкилоти болозикр як ҷанбаи баҳсталаб, мисли маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодҳои инсон, аҳаммияти калон дорад. Бо дарназардошти ин, муаллиф қайд менамояд, ки ҳалли масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, бахусус риоя ва маҳдуд кардани онҳо боиси чунин гуногунии ҳуқуқӣ мегардад, аз ҷумла, дар татбиқи ҳуқуқҳо дар низоми қонунгузорӣ, инчунин махдудияти онҳо. Аз ин рӯ, масъалаи маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон аз ҷониби бисёр ҳуқуқшиносон махсусан муҳим арзёбӣ шуда, таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Исозода П.А мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари тадқиқотро ифода намудааст.

Амалияи қонунгузории миллӣ нишон медиҳад, ки дар танзими масъалаҳои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодҳои инсон ва шаҳрванд душвориҳои зиёд ба миён меоянд. Дар бештар маврид онҳо вақте эҳсос мегарданд, ки корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба вазъият кӯшиши татбиқ намудани санади меъёрии ҳуқуқиро дорад, ки маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо бо асосҳои кофӣ асоснок карда шудаанд.

Чунин вазъият ба шарте ба амал меояд, агар дар қонунгузории миллие, ки ба маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо дахл дорад, муқаррарот оид ба ҳуқуқӣ будани ҳамаи маҳдудиятҳои дар қонун мавҷудбуда возеҳ ифода ва мустаҳкам карда шавад. Ҳамаи ин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмиро бо дарназардошти дастовардҳои ҳуқуқии муосир дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро тақозо мекунад. Чунин равиш ба ҳалли мушкилоти ба миён гузоштаи муаллиф ба талаботи ҷомеае, ки мехоҳад дар қонунгузории миллӣ на, танҳо ҳимояи ҳуқуқи ҳар як шахс, балки имкони ин ҳуқуқҳоро дар ҳолатҳои фавқулода низ, бубинад, қонеъ хоҳад кард.

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти илмии муаллиф дар заминаи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ гузаронида шуда, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа баҳри эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқ инсон пешбинӣ гардидаст.

Аз мазмуну мухтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурии масъалаҳои дар тадқиқот гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

Масалан, муаллиф дар автореферати рисолаи илмӣ қайд менамояд, ки «озод (яъне, бо меъёрҳои ҳуқуқӣ иҷозатдодашуда) ё ин ки муваққатан боз доштани рафторҳои озод» (саҳ. 9) яке аз аломатҳои маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон мебошад. Аз таҳқиқбаранда пурсида мешавад, ки мавсуф дар зери истилоҳи «озод» чиро дар назар дорад?

Ҳамчунин ба муаллифи тадқиқот зарур мебуд, ки таърифи муаллифии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар доиари тадқиқоти худ барои доираҳои илмии ҳуқуқшинсон пешниҳод менамуд. Зеро, мафҳум ва моҳияти ҳар як мавзӯи тадқиқоти анҷомшуда дар он ифода меёбад, ки муаллифи тадқиқот мавқеи шахсии худро дар самти фаъолияти тадқиқотиаш муайян намояд.

Камбудиҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани диссертатсия буда метавонад.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Исозода Парвиз Асадулло ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон
доктори ҳуқуқ (PhD) Наботов С.Х

Имзои Н.С. Холмуродовичро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДТТ Пирзода С.С.
« 17 » 04 2023 с.

Суроғаи муқарриз:
734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш. Душанбе, к.Н.Махсум 109/1.
Тел.: +992 (37) 2348580
E-mail: nabotov@inbox.ru